Чи басо тааҷҷубовар аст кори муъмин, ки тамоми кораш хайр аст ва ин барои касе нест, ҷуз барои муъмин

Аз Суҳайб (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд: "Чи басо тааҷҷубовар аст кори муъмин, ки тамоми кораш хайр аст ва ин барои касе нест, ҷуз барои муъмин. Агар хушие ба ӯ расад, шукр мегӯяд ва барои ӯ хайр аст. Ва агар зиёне ба ӯ расад, сабр мекунад ва барои ӯ хайр мешавад."

[Саҳеҳ] [رواه مسلم]

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) аз кори муъмин изҳори таъаҷҷуб мекунад ва ин таъаҷҷуб аз рӯи нек донистани ин амр аст. Зеро вазъияти муъмин ҳамеша хайр аст ва ин барои касе нест, ҷуз барои муъмин. Агар барои ӯ некие рӯй диҳад, Аллоҳро шукр мегӯяд, дар натиҷа подоши шукрро ба даст меорад. Ва агар нохушӣ ва мусибате ба ӯ расад, сабр кунад ва аз Аллоҳ интизории подош дошта бошад, аҷру подоши саброро ба даст меорад. Пас дар ҳама ҳолат дар ҳоли касби аҷру подош аст.

http://sunnah.global/hadeeth/tg/show/3298